Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА 012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмии дуюм ба диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

**1. Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда.** Бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои бозори умумии молҳо ва хизматрасониҳо мебошад, ки бо хусусиятҳои ба худ хос аз дигар намудҳои бозор фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, қайд бояд кард, ки нерӯи барқ ҳамчун моли махсус дорои хусусиятҳое мебошад, ки ба бозори фурӯши барқ таъсир расонида, дар он мушкилиҳои муайянро ба миён меоранд.

Муҳаққиқон ва кормандони соҳаи фурӯши барқ шароити фаъолият дар бозори мазкурро таҳлил карда, ҷаҳд мекунанд, ки дар он аломатҳои рақобатро ҷорӣ намоянд. Вале онҳо то имрӯз ба ин ҳадаф ноил нашудаанд, зеро хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун мол ба ин имконият намедиҳанд. Илова бар ин, сатҳи рушди иқтисодии кишвар, ҳукмрон будани шакли ягонаи моликияти давлатӣ ба аксари объектҳои электроэнергетикӣ (нерӯгоҳҳо, иншооти шабакаҳои интиқол ва фурӯши барқ), манфиатҳои истеҳсолкунандагони нерӯи барқ ва дигар субъектҳои бозор ба амсилаи миллии бозори фурӯши барқ таъсири худро мерасонанд. Бинобар ин, бо вуҷуди аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ намудани ислоҳоти фарогир дар соҳаи танзим ва идоракунии бозори фурӯши барқ, расидан ба сатҳи комили бозори фурӯши барқ ва дар он ҷорӣ намудани рақобат масъалаи душвор ва муддати тӯлонӣ ҳалшаванда мебошад.

Ҳоло дар бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот ва масъалаҳои мубрам вуҷуд доранд, ки барои ҳалли худ иҷрои таҳқиқоти илмиро талаб менамоянд. Мушкилоти асосӣ пеш аз ҳама танзими нархҳо ва таъмини беисти аҳолии мамлакат ва объектҳои иқтисодӣ бо нерӯи барқи дастрас мебошад. Мушкилоти дигар танзими муносибатҳо бо ҳамсоякишварҳо ҷиҳати ба танзим даровардани мубодилаи барқ мебошад. Ҳамчунин, масъалаҳои рушди бозори фурӯши

барқ дар робита бо истифодаи манбаъҳои хурди тавлид ва татбиқи инноватсияҳо дар равандҳои истеҳсол, тақсимот, фурӯш ва истеъмоли нерӯи барқ, рушди бозори фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавӣ масъалаҳои ҳалталаб мебошанд. Нуктаҳои зикршуда аз мубрам будани мавзуи диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи тақризшаванда ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 –Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ): 3 -Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ, 15 – Роҳҳои таҳқиқ ва истифодаи самараноки потенсиали субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва хизмати маишӣ, 18 - Сармоягузорӣ ба рушди савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ ва истифодаи самаранокии он, 19 – Ташкили савдои яклухт ва чакана дар шароити муосир, 26 - Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ мувофиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навгонии таҳқиқоти ӯнвонҷӯй дар илман асоснок намудани ҷанбаҳои назариявии мукаммалгардонии бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегарданд.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ доранд ва муаллиф онҳоро шахсан ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

1) Дар асоси ақидаҳои олимони хориҷиву ватанӣ, коршиносони соҳаи иқтисод, назарияҳои мактабҳои иқтисодӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташаккули бозори фурӯши таҳқиқ гардида, хусусиятҳои амалкунӣ ва рушди он муайян карда шуда, назарияи мунақиддонаи муаллиф дар мавриди бозори фуруши барқ пешниҳод шудааст;

2) Ҳангоми таҳқиқот муаллиф таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонро оид ба бозори фурӯши барқ таҳлил карда, истифодаи ҷиҳатҳои мусбати он барои барқарор кардани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа кардааст;

3) Муҳаққиқ бо факту далелҳо, илман асоснок кардааст, ки арзёбӣ намудани вазъи муосири иқтисодӣ ва техникии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ шароит ва заминаҳои рушди бозори мазкур муайян карда мешавад;

4) Аз ҷониби муаллиф вобаста ба фаъолияти тиҷоратии субъектҳои бозори фурӯши барқ таҳлил карда шуда, барои ворид ва ҳамгиро шудани онҳо ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии электроэнергетикӣ тавсияҳо таҳия карда шудаанд;

5) Омилҳои асосии ба рушди бозори фурӯши барқ таъсиррасон ба монанди мавҷудияти бозоре зарур аст, ки аз инҳисор озод бошад, шароите лозим аст, ки дар мавриди он соҳибкорони хусусӣ ба бозор бе монеа ворид шаванд, шароити пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқии марказонидашуда бояд сода ва шаффоф бошад;

6) Муаллиф барои татбиқи инноватсияҳо ва дастовардҳои илмию техникии муосир дар бозори фурӯши барқ тавсияҳои зерин кардааст: таъмини маблағгузории таҳқиқоти илмӣ оид ба бунёди маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ мураккаб, ҳавасманд кардани сохтани озмоишгоҳҳо ва марказҳои илмию таҳқиқотӣ, ки дар онҳо ҳамкории истеҳсолкунандагон ва муассисаҳои илмӣ, санҷиши коркардҳои илмию таҳқиқотӣ таъмин гардад, ҳавасманд кардани воридоти таҷҳизоти инноватсионӣ; ба ҷо овардани рушди мутаносиби тамоми самтҳои инноватсионӣ дар бахши электроэнергетикаи миллӣ аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳо бо имкони истифодаи технологияҳои гуногун.

7. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф модели рушди бозори фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия карда шудааст. Дар модели мазкур сохтори намунавии вазъи имрӯзаи низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардида, субъектҳои бозори фурӯши барқ ва робитаҳои байни онҳо вобаста ба такмили муносибатҳои инҳисорӣ ва рушди рақобат дар бозори миллии фурӯши барқ муқаррар карда шудаанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия мавҷудбуда ба муккамал гардидани донишҳои назариявию методии ташаккули бозори фурӯши барқ, арзёбӣ намудани вазъи муосири иқтисодии соҳаи таъминот бо нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири муайян намудани заминаҳои рушди бозори фурӯши барқ дар мамлакат, муайян кардани омилҳо ва самтҳои рушди бозори фурӯши барқ дар асоси истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ муайян кардани хусусиятҳои амалкунии он дар замони муосир муайян ва мушаххас гардидааст, ки як қатор тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда, метавонанд татбиқи амалии худро дар бозори фӯруши барқ бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунад.

Хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалии кори диссертатсионӣ мумкин аст, ки дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва маҳаллӣ, ки ба бозори фӯруши барқ, ҳамбастагии сатҳи зиндагӣ, имконият ва таҳия намудани тавсияҳои амалӣ барои татбиқи инноватсияҳо дар бозори фурӯши барқ, махсусан дар ШСХК «Барқи Тоҷик», Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар мақомотҳои дахлдори давлатӣ дар маҳаллҳо истифода бурда шаванд.

Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, ҳам аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои танзими бозори фурӯши барқ мусоидат мекунад. Амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба беҳтар гардидани бозори фурӯши барқ истифода бурда мешавад.

**5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Муаллиф ҳангоми тайёр намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ худ 22 мақолаҳои илмӣ, ки аз онҳо 7 мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаaанд, ки ин ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол таҳти №267 тасдиқ карда шудааст мувофиқат мекунад.

**6. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Дар маҷмуъ, барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳое, ки дар “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, мутобиқат мекунад.

**7. Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо.**

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи азхудкунии масъалаи илмӣ арзёбӣ, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии ташаккули бозори фурӯши барқ» а**сосҳои назариявӣ, заминаҳо ва хусусиятҳои ташаккули бозори фурӯши барқ таҳқиқ карда шуда, таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ вобаста ба амалисозии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст.

Муаллиф бо таҳқиқи асарҳои классикони соҳаи иқтисодиёт, интишороти олимон ва муҳаққиқони муосир дар аввал мафҳуми бозор, сипас мафҳуми бозори фурӯши баркро шарҳ додааст. Ӯ қайд намудааст, ки аз оғози ташаккули худ дар охири асри XIX то имрӯз дар бозори

фурӯши барқ воситаҳои танзимкунии давлатӣ васеъ истифода мешаванд. Бар асари омилҳои зиёд, бо вуҷуди аз ибтидо хосияти рақибона доштан, ин соҳаи соҳибкорӣ то охири асри XX ҳамчун соҳаи фаъолияти соҳибкории инҳисорӣ баррасӣ мешуд. Дар он дахолати танзимкунандаи мақомоти давлатӣ алайҳи механизми рақобати озод муфид ва босамар эътироф мешуд. Дар натиҷаи ин, раванди ҳамкории рақибонаи таҳвилкунандагон ва харидорони нерӯи барқ таҳриф шуда, тавассути амалҳои мақомоти давлатии танзимкунанда бо иштироки бевоситаи субъектҳои инҳисор, ки ҳуқуқи таҳвил ва фурӯши барқро дар минтақаи фаъолияти худ ба даст овардаанд, танзим карда мешавад. Танзими давлатии тарифҳои нерӯи барқ ба ҳукумати мамлакатҳо имкон медиҳад, ки ба ин васила ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир расонанд. Сиёсати нарх дар соҳаи нерӯи барқ аз ҷониби ҳукумат ба сифати таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, механизми рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ба кор бурда мешавад (саҳ. 18-19).

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар мавриди ташкил ва такмили бозори фурӯши барқ бояд хусусиятҳои он, инчунин шароити рушди соҳаи энергетика аз ҷониби давлат ба ҳисоб гирифта шаванд. Бинобар ин, ҳоло дар аксари давлатҳои мутараққӣ дар бозори фурӯши барқ муносибатҳои бозории маҳдуд татбиқ шуда, мамлакатҳои дигар пас аз роҳандозӣ намудани баъзе ислоҳот дар соҳа аз бунёди бозори мукаммали савдои барқ даст кашида, дар шароити танзими давлатии таъмини барқ қарор гирифтаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҳамин гуна давлатҳо мебошад (саҳ. 27). Вобаста ба ин, дар диссертатсия хусусиятҳои нерӯи барқро ҳамчун мол ошкор карда шуда (саҳ. 29-31), вобаста ба таъсирашон ба ташаккули бозори фурӯши барқ арзёбӣ шудаанд (саҳ. 31-32).

Муаллиф таҷрибаи хориҷии бозорҳои фурӯши барқро таҳқиқ намуда, қайд кардааст, ки бо вуҷуди тафовутҳо дар хусусиятҳои миллии соҳаи электроэнергетика, дар аксари мамлакатҳо имконияти ҷудо намудани ҳадафҳо ва методологияи умумии ислоҳоти бозори фурӯши барқ вуҷуд дорад. Ӯ аз натиҷаи таҳлили ин таҷриба ҳамчун масъалаҳои аввалиндараҷа зиёд шудани самаранокии фаъолияти низомҳои электроэнергетикиро тавассути ҷудо намудани корхонаҳои инҳисорӣ ва аз ҳайати онҳо баровардани корхонаҳои дорои хосиятҳои рақобат ё ба иштирокчиёни нави бозор – фурӯшандагони мустақили нерӯи барқ пешниҳод намудани ҳуқуқи дастрасӣ ба соҳаи мазкур, инчунин озодсозии бозорҳои фурӯши барқро номбар мекунад (саҳ. 44-47).

**Дар боби дуюм – «Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** вазъи муосири соҳаи

электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, дар асоси таҳқиқ ва арзёбии муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ имконияти ҳамгироии бозорҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии фурӯши барқ муайян карда шудааст.

Муаллиф вазъи муосири соҳаи электроэнергетика ва бозори фурӯши барқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, қайд мекунад, ки пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва коҳиш ёфтани робитаҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя вазъ дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба куллӣ дигар шуд. Ҳоло соҳаи электроэнергетикаи иқтисодиёти миллӣ ба мушкилоти муҳими норасоии барқ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо дар таъмини барқ барои тамоми гурӯҳҳои истеъмолкунандагон, фаъолияти беэътимоди инфрасохтор, фарсудашавии ҷисмонии таҷҳизоти нерӯгоҳҳои истеҳсолкунанда ва интиқолдиҳандаи барқ ва дигар камбудиҳо дучор гардидааст (саҳ. 60-63). Ӯ қайд мекунад, ки бо вуҷуди роҳандозӣ намудани ислоҳот, имрӯз дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мураккаби ташкилӣ-сохторӣ мушоҳида мешавад. Шаффофӣ ва самаранокӣ дар бозори фурӯши барқ, ки ҳадафҳои муҳими ислоҳот ба ҳисоб меравад, ҳанӯз ҳам ба даст наомадааст. Мавҷудияти мушкилоти мубрам, чун напардохтани арзиши барқ аз ҷониби истеъмолкунандагон, сатҳи баланди қарздории кредиторӣ, талафот ҳангоми интиқол ва истифодаи барқ – нишонаҳои асосии тавсифи вазъи имрӯзаи бозори фурӯши барқ дар мамлакат мебошанд (саҳ. 75).

Барои арзёбӣ кардани ҳолати муосири бозори фурӯши барқ муаллиф таҳлили амиқи самтҳои асосии фаъолияти субъекти асосии бозори мазкур - ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро ба ҷо оварда, камбудӣ ва мушкилоти асосии онро таҳлил ва арзёбӣ кардааст (75-82). Ӯ таъкид мекунад, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» то таҷдиди сохтори худ чун ширкати ба таври амудӣ ҳамгирошуда фаъолият мекард. Таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» ва дар пояи он таъсис додани субъектҳои нави бозор бояд мушкилоти ислоҳот ва рушди рақобатро дар бозори фурӯши барқ ҳал мекард, вале он барои ба даст овардани натиҷаҳои муносиб мусоидат накард. Муҳити тиҷоратӣ ва инфрасохтори муносиби бозории соҳаи электроэнергетика ташаккул наёфтаанд. Фаъолияти ширкат пас аз таҷдиди сохтор якҷоя бо ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» низ дар доираи амсилаи ба таври амудӣ ҳамгирошуда ба роҳ монда шудааст. ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳанӯз ҳам ширкати холдингӣ буда, тамоми саҳмияҳои он ба давлат тааллуқ доранд (саҳ. 82-84).

Таҳлилҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки дар мамлакат рушди тавлиди нерӯи барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқии обии хурд ба ғайримарказонии низоми электроэнергетикӣ ва бозори фурӯши барқ мусоидат мекунад. Ғайримарказонии бозор имкон медиҳад, ки мушкилоти таъмини барқ асосан ҳалли худро ёбанд ва ҳамзамон масъалаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба таври маҷмуӣ баррасӣ шаванд (саҳ. 117-118).

**Дар боби сеюм – «Дурнамои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар асоси истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ва имконияти татбиқи инноватсияҳо баррасӣ гардида, амсилаи рушди бозори миллии фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ таҳия карда шудааст.

Муалиф таъкид мекунад, ки ба бозори миллии фурӯши барқ ворид шудани субъектҳои хурд барои нерӯгоҳҳои калон ва дигар истеҳсолкунандагони барқ ягон мушкилоти рақибона пешниҳод намекунанд. Иқтидори воқеии амалишудаи истеҳсоли барқ талаботи аҳолӣ ва истеъмолкунандагони иҷтимоию иқтисодиро қонеъ карда наметавонанд. Инчунин аз сабабе, ки нархи нерӯи барқ дар мамлакат аз ҷониби давлат танзим мешавад, нерӯгоҳҳои хурд дар ташаккули нархи рақибона низ саҳм гузошта наметавонанд. Бинобар ин, ба андешаи муаллиф, барои ташаккул ва фаъолияти субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ монеаҳои рақибона вуҷуд надоранд (саҳ. 122). Ӯ қайд мекунад, ки рушди субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ ба гузариш аз технологияҳои мавҷудаи истеҳсол ва интиқоли барқ ба технологияҳои худкор ва идоракунӣ дар соҳаи электроэнергетика ва бунёди ҷойҳои кории нав дар маҳалҳои дур аз шаҳрҳо мусоидат мекунад (саҳ. 123).

Ба андешаи муаллиф, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори фурӯши барқ, баланд шудани самаранокии соҳаи электроэнергетика ва татбиқи ҳамаҷонибаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ чун шарти аввалии рушди босуръати саноат, кишоварзӣ, дигар бахшҳои иқтисодиёт ва афзоиши сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат мебошад. Барои рушди бозори фурӯши барқ бо истифода аз имкониятҳои низоми электроэнергетикии тақсимшуда бунёди шабакаҳои зеҳнӣ (smart-grid) муҳим арзёбӣ мешавад. Технологияҳои smart-grid имкон медиҳанд, ки технологияҳои гуногуни истеҳсол ва ғункунии нерӯи барқ якҷоя карда шаванд, ба баланд шудани боэътимодӣ ва бехатарии таъминоти барқ мусоидат мекунанд, ба истеъмолкунандагон – дорандагони воситаҳои худии тавлид ва ғункунии нерӯи барқ имконияти ба фурӯш баровардани нерӯи барқи барзиёди дар манбаъҳои худии тавлиди барқ истеҳсолшуда,

идора кардани талабот ба нерӯи баркро пешкаш мекунанд, ки дар натиҷа ин ба беҳгардии сарбориҳои баркӣ оварда, метавонад талабот ба иқтидорҳои нави то ҳол набударо кам кунад (саҳ. 134-141).

Муаллиф амсилаи рушди бозори фурӯши баркро таҳия кардааст, ки дар он сохтори намунавии вазъи имрӯзаи низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардида, субъектҳои бозори фурӯши барқ ва робитаҳои байни онҳо нишон дода шудаанд (саҳ. 152). Мувофиқи пешниҳоди муаллиф, бозори фурӯши барқ бояд бо иштироки давлат ва дар асоси принсипҳои рақобат ташаккул ёфта, асосҳои амалкунии он бо қонунгузорӣ муайян карда шаванд. Дар натиҷаи амалисозии пешниҳоди муаллиф инҳисор дар ширкатҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда ва зарурати иштироки бевоситаи давлат дар бозори фурӯши барқ барҳам дода мешавад. Минбаъд бозори дохилии фурӯши барқ то ба сатҳи кушоди ба бозорҳои хориҷии минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайвастгардида рушд мекунад. Азбаски тибқи амсилаи пешниҳодшуда корхонаҳои истеҳсолкунандаи барқ ҳуқуқи инҳисорӣ надоранд, барои таъмини истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ онҳо дар шароити рақобат кор мекунанд ва моли худ – нерӯи баркро бо нархҳои дар бозор муқарраршуда мефурӯшанд. Ин корхонаҳо аз шабакаҳои интиқол ва тақсимоти барқ, ки субъектҳои инҳисорӣ мебошанд, вобаста нестанд. Мақоми танзимкунанда ва дигар сохторҳои дахлдори давлатӣ, ки бо танзими бозор муносибат доранд, барои воқеъбинона будани рақобат дар бозори фурӯши барқ масъулият мебаранд (саҳ. 154-155).

Дар хулосаҳо ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ҷамъбаст карда шудаанд.

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор камбудию носаҳеҳиҳо аст.

**Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида, ақидаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳоро қайд кардан лозим мешуморем, ба монанди:**

1. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони хориҷӣ оид ба тафсири бозори фурӯши барқ вобаста аз хусусиятҳои махсус истифода кардааст, аммо ақидаҳои олимони ватанӣ аз назари муаллиф дур мондааст;
2. Муаллиф ба таҳлили сабабҳои норасоии барқ барои истеъмолкунандагони асосӣ дахл намуда, онҳоро то андозае таҳлил ва арзёбӣ ҳам кардааст. Хуб мебуд, агар дар ин маврид тавозуни талабот ва пешниҳодоти нерӯи баркро барои давраи муайян тартиб дода, дар асоси

таҳлили он барои бартараф кардани камбудиҳо дар бозори фурӯши барқ хулосаҳо таҳия мекард;

3. Дар зербобҳои 2.1., 2.2. ва 2.3. аз ҷониби муаллиф таҳлилҳои арзёбии вазъи муосири бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр ба мврид гузаронида шуда аст, аммо мутаассифона натиҷаи ин таҳлилҳо дар хулосаи зербобҳо нишон дода нашудааст;

4. Муаллиф дар диссертатсия қайд мекунад, ки ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи электроэнергетика бояд бо талошҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ташкилӣ дар субъектҳои иқтисодии соҳа тавассути роҳандозӣ намудани ислоҳоти идоракунии корпоративӣ ва амалисозии низоми идоракунии муосир дар корхонаҳои электроэнергетикӣ дастгирӣ ёбад. Ҳамзамон раванди иҷрои якчанд лоиҳаҳои дахлдор таҳқиқ карда шудааст. Вале вобаста ба амалӣ намудани пешниҳоди мазкур ягон тавсияи судманд таҳия карда нашудааст;

5. Дар зербоби 3.2. дурнамои талабот ба нерӯи барқ дар бахшҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва истеҳсоли он аз ҷониби муаллиф дар солҳои 1990-2035 дар ҷадвали 3.4. нишон дода шуда аст, аммо механизми ҳисобкунии усулҳои риёзию иқтисодии он норавшан боқӣ мондааст;

6. Мутаассифона, дар матни рисола ва дар баъзе номгӯйи феҳристи адабиёт ғалатҳои имлоӣ ва ё техникӣ боиси коҳиш ёфтани ҳусни кор гардидааст.

Вале нуқсонҳои ҷойдошта ба осонӣ бартарафшаванда буда, характери тавсиявӣ доранд ва арзиши баланди илмию амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

Автореферати кори диссертатсионӣ таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқарраротии назариявии моҳияти рушди хизматрасонии иҷтимоиро ифода менамояд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия:**

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи « Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст аз рӯйи тартиб ва танзими диссертатсия ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) мувофиқ аст.

Бинобар ин, муаллифи он Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Лутфуллоев М.Д.**

**Суроға: 735700, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд;17 мкр-н., хонаи 1,**
**Тел:+992(3422)2-38-11, E-mail: tsulbp@rambler.ru**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**муаллими калон Лутфулоев М.Д-ро**
**тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ... ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС